# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода дар мавзуи “Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026.**

Дар бораи шахсият ва мероси илмию адабии Аҳмади Дониш анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз чанд ҷиҳат кори мураккаб ва масъулиятнок ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама, Аҳмади Дониш аз ҷумлаи маъруфтарин намояндагони адабиёти маорифпарварии тоҷик буда, роҷеъ ба ҳаёт, ҷаҳонбинӣ ва фаъолияти илмиву адабии ӯ аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ осори зиёди илмӣ, аз ҷумла монографияҳо, рисолаҳои илмӣ, мақолаҳо ва таҳқиқоти алоҳида таълиф гардидаанд. Пас, муайян намудани масъалаҳои нави таҳқиқ, пешниҳоди диди тоза ва дастёбӣ ба натиҷаҳои илмии дорои навоварӣ барои ҳар як муҳаққиқ кори осон нест.

Аз ҷониби дигар, насри Аҳмади Дониш бо хусусиятҳои вижаи забонӣ, услубӣ ва сохторӣ фарқ мекунад. Мураккабии тарзи баён, фаровонии истилоҳоти илмӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ, истифодаи густурдаи иқтибосҳо, ишораҳои таърихиву фарҳангӣ ва бисёрпаҳлуии маънои матн омӯзиши осори ӯро ба яке аз самтҳои душвори адабиётшиносии тоҷик табдил додааст. Аз ҳамин лиҳоз, таҳқиқи осори мансури ин адиб аз муҳаққиқ маҳорати таҳлили матни бадеӣ ва дониши амиқи таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, фалсафа, таърих ва фарҳанги давраи мавриди таҳқиқро низ тақозо менамояд.

Дар ин замина, Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода бо такя ба омодагии назариявӣ, ошноии хуб бо сарчашмаҳои адабӣ ва илмӣ, истифодаи доираи васеи адабиёти таҳқиқотӣ ва маҳорати таҳлили матни бадеӣ кӯшиш намудааст, ки масъалаҳои интихобшудаи таҳқиқро дар заминаи талаботи илмии муосир баррасӣ намояд. Натиҷаҳои бадастомада гувоҳӣ медиҳанд, ки муҳаққиқ тавонистааст дар доираи мавзуи интихобшуда масъалаҳои муҳимми илмиро мавриди таҳлил қарор дода, ба баъзе масъалаҳои баҳсталаби донишшиносӣ аз диди тоза назар афканад.

Сохтори диссертатсияи Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода аз муқаддима, се боб, ки ҳар яке аз чанд фасл иборат аст, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёт ва рӯйхати таълифоти илмии муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия, ки ба нашр расидаанд, иборат аст.

Муқаддимаи рисола ба талаботи муқарраршудаи таълифи диссертатсияҳои илмӣ пурра ҷавобгӯ буда, дар он ҳамаи унсурҳои зарурии

таҳқиқ ба таври мантиқӣ ва пайдарпай инъикос ёфтаанд. Аз муҳтавои нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бармеояд, ки натиҷаҳои илмии бадастомада дорои навгонии илмӣ буда, рисола дар чунин шакл бори аввал таҳия ва мавриди пешниҳод қарор гирифтааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони **«Аз таърихи аҳмадидонишшиносӣ дар Тоҷикистон»** таҳия гардида, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли якум, ки «Оғози шинохт ва зикри Аҳмади Дониш дар сарчашмаҳо» унвон гирифтааст, масъалаи инъикоси шахсият ва осори Аҳмади Дониш дар тазкираҳо, осори адабӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Фасли дуюм - «Мухтасар аз таҳлилу таҳқиқи ҳаёту фаъолияти эҷодии Аҳмади Дониш дар Тоҷикистон» ба баррасии марҳилаҳои омӯзиши ҳаёт, осор ва фаъолияти эҷодии мутафаккир дар илми тоҷик бахшида шуда, саҳми муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар таҳқиқу нашри осори ӯ ба таври муфассал арзёбӣ гардидааст. Дар фасли сеюм - «Дастовардҳо ва заъфи аҳмадидонишшиносӣ дар адабиётшиносии тоҷик» дастовардҳои муҳимми мактаби аҳмадидонишшиносӣ дар баробари масъалаҳои ҳанӯз ҳалталаб ва норасоиҳои мавҷуда мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ вазъи кунунии омӯзиши мероси Аҳмади Донишро ба таври воқеъбинона арзёбӣ намуда, самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти минбаъдаро муайян кардааст. Мазмуну муҳтавои боби мазкур аз фарогирии сарчашмаҳо, таҳлили муқоисавӣ ва ҷамъбасти илмии масъала шаҳодат дода, барои таҳкими заминаҳои назариявии таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи аҳмадидонишшиносӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Заминаҳои пайдоиш ва таҳаввули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш»** таҳия гардида, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал – «Заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии андешаҳои адабии Аҳмади Дониш» омилҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои адабии мутафаккир дар доираи чор зерфасл мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф нақши муҳити хонаводагӣ, осори динӣ ва маҳфилҳои қиссахонию таъриххонӣ, таъсири мероси адабии гузаштагон ва муҳити адабии замон, инчунин омӯзишу шиносоӣ бо фарҳангу тамаддуни халқҳои дигарро ҳамчун заминаҳои муҳимми ташаккули афкори адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш бо далелҳои муътамад асоснок намудааст. Фасли дуюми боб - «Назари маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ва таъсири он ба андешаҳои адабии ӯ» ба таҳлили робитаи мутақобилаи андешаҳои маорифпарваронаи донишманд бо афкори адабию назарии ӯ бахшида шудааст. Дар ин фасл муаллиф бо такя ба осори худи Аҳмади Дониш ва

пажӯҳишҳои муҳаққиқони соҳа нишон медиҳад, ки ҷаҳонбинии маорифпарваронаи ӯ асоси ташаккули назарияи адабӣ, арзёбии нақши иҷтимоӣ ва тарбиявии адабиёт ва мавқеи танқидии ӯ нисбат ба вазъи адабии замонро ташкил медиҳад. Мазмуну муҳтавои боби мазкур бо таҳлили мантиқӣ, истифодаи густурдаи сарчашмаҳо ва хулосаҳои асоснок фарқ намуда, дар ошкор намудани омилҳои ташаккули андешаҳои адабии Аҳмади Дониш саҳми арзишманди илмӣ мегузорад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **«Таҳлили ақидаҳои адабӣ ва назарии Аҳмади Дониш»** бахши асосии таҳқиқро ташкил дода, аз чор фасл иборат мебошад. Дар фасли якум «Муносибати Аҳмади Дониш ба шеъру шоирӣ» мавқеи назарии мутафаккир нисбат ба моҳият, вазифа ва арзиши иҷтимоиву ахлоқии шеъру шоирӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Дар фасли дуюм - «Истилоҳоти адабӣ ва истифодаи онҳо дар осори Аҳмади Дониш» корбурд ва тафсири муҳимтарин истилоҳоти адабӣ, аз ҷумла мафҳумҳои «сухан», «аҳли қалам», «шароеъ», «саноеъ», «бадоеъ», «фасоҳат», «балоғат» ва истилоҳоти марбут ба навъу жанрҳои адабӣ дар осори мутафаккир бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Дар фасли сеюм – «Шеър ва ҳунари шоирӣ аз нигоҳи Аҳмади Дониш» дидгоҳҳои назариявии мутафаккир оид ба табиати шеър, хусусиятҳои шеъри комил ва рисолати шоир дар муқоиса бо андешаҳои назарияпардозони классикӣ баррасӣ гардидаанд. Фасли чорум «Назар ва андешаҳои ноқидонаи Аҳмади Дониш» номгузорӣ шуда, дар он маҳорати танқидии Аҳмади Донишро дар арзёбии осори адибони гузашта ва ҳамзамононаш, инчунин шарҳу тафсири осори адабӣ равшан месозад. Дар маҷмуъ, боби сеюм бо таҳлили амиқи сарчашмаҳои аслӣ, хулосаҳои асоснок ва навоварона арзиши баланди илмӣ дошта, ҷойгоҳи Аҳмади Донишро ҳамчун соҳибандешаи назарияи адабиёт ва мунаққиди соҳибназари адабиёти тоҷик ба таври муътамад собит менамояд.

Хулосаҳои кори таҳқиқӣ мантиқан аз муҳтавои таҳқиқ бармеоянд ва ба таври илмӣ собит месозанд, ки Аҳмади Дониш адиб, мутафаккир, соҳиби андешаҳои мустақили адабию назарӣ ва дидгоҳи мукаммали нақди адабӣ буда, дар ташаккули афкори адабиёти тоҷик мақоми арзанда дорад. Натиҷаҳои бадастомада бо навгонии илмӣ, асоснокии назариявӣ ва аҳаммияти амалии худ арзиши таҳқиқро афзуда, барои пажӯҳишҳои минбаъдаи адабиётшиносӣ ва таърихи афкори адабии тоҷик заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия ва автореферати он доираи васеи масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқро фаро гирифта, натиҷаҳои арзишманди илмиро

пешниҳод менамояд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки бархе аз ҷанбаҳои муҳимми афкори адабию назарии Аҳмади Дониш, ки таҳқиқи онҳо метавонист тасаввуротро дар бораи вижагиҳо ва аҳаммияти мероси назарии ӯ боз ҳам комилтар гардонад, дар кори таҳқиқи мавриди назар ба таври ҷудогона мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд. Аз ҷумла:

1. Ҳарчанд дар боби аввал таърихи аҳмадидонишшиносӣ баррасӣ гардидааст, вале таъсири мустақими афкори адабии ӯ ба намояндагони минбаъдаи адабиёти тоҷик, махсусан, ба маорифпарварон ва адибони аввали асри XX дар автореферат ба таври мушаххас ҷой нагирифтааст. Омӯзиши ин масъала барои муайян намудани мақоми воқеии Аҳмади Дониш дар таҳаввули афкори адабии тоҷик муҳим мебошад.
2. Азбаски андешаҳои адабии Дониш бештар дар қолаби осори бадеӣ ва насрии ӯ баён шудаанд, таҳлили хусусиятҳои забонӣ, услубӣ ва тарзи баёни мафҳумҳои назарии ӯ метавонист яке аз ҷанбаҳои ҷолиби таҳқиқ бошад.
3. Мавзуи диссертатсия танҳо ба шеър ва масъалаҳои марбут ба шоирӣ маҳдуд намешавад. Аҳмади Дониш ҳамчун нависанда ва яке аз асосгузорони насри иҷтимоию маорифпарварии тоҷик низ аҳаммияти бузург дорад. Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки дар нақша масъалаҳои шеър, шоирӣ ва нақди адабӣ васеъ ҷой дода шудаанд, вале андешаҳои ӯ оид ба хусусиятҳои насри бадеӣ, вазифаи нависанда, забони асар, тарзи баёни фикр ва имкониятҳои иҷтимоии наср ба таври махсус баррасӣ нашудаанд.

Эродҳои мазкур арзиши илмӣ, навоварӣ ва аҳаммияти назарии диссертатсия ва автореферати онро коҳиш намедиҳанд, зеро онҳо бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба такмили минбаъдаи таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни афкори адабию назарии Аҳмади Дониш равона шудаанд.

Бо дарназардошти андешаҳои дар боло баёншуда, кори таҳқиқии Шариф Шарифхоҷаи Саидмуродзода таҳти унвони **«Андешаҳои адабӣ ва назарии Аҳмад Дониш»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ таҳия шудааст, таҳқиқоти мукаммал, аз лиҳози илмӣ асоснок ва анҷомёфта маҳсуб меёбад. Муаллиф ба ҳадафу вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқ ноил гардида, масъалаҳои мавриди назарро дар заминаи сарчашмаҳои муътамад ва усулҳои муосири таҳқиқ мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва арзиши амалӣ буда, ба рушди адабиётшиносии тоҷик, бахусус омӯзиши афкори адабию

назарии Аҳмади Дониш, саҳми арзанда мегузоранд. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, автореферати диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қурбонзода Р.Қ.
«24» июли соли 2026.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 134.
Тел.: (+992) 98-106-65-34.
E-mail: v.rukhshona@mail.ru

Имзои Қурбонзода Рухшона Қурбонро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода Сайвалӣ

Нишонӣ:: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992 (37) 224-13-83.
E-mail: info@tgpu.tj
«24» июли соли 2026.